***«Тасдиқ мекунам»***

*Ректори МТҒ "Донишкадаи*

*тиббӣ –иҷтимоии Тоҷикистон"*

*____________н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.*

*«_09_» ____12____ соли 2021,№_08_*

**Дастурамали вазифавии сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалии Муасиссаи таълимии ғайридавлатии "Донишкадаи тиббӣ –иҷтимоии Тоҷикистон "**

**Дастурамали вазифавии**
**сардори Шуъбаи робитаҳои байналмилалии**

Дастури мазкур дар мувофиқа бо меъёрҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ, ки муносибатҳои меҳнатиро танзим менамоянд, коркард ва тасдиқ гардидааст.

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ба гуруҳи роҳбароне дохил мешавад, ки бо фармони ректори донишкада ва дар мувофиқа бо муассиси донишкада ба вазифа таъин ва ё аз он озод карда мешавад.

2. Ба вазифаи Сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ донишкада он шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олӣ ва собиқаи на кам аз 5 соли фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ ва соҳиби дараҷаи илмӣ бошад.

3. Сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ бевосита ба ректори донишкадаи итоат менамояд.

4. Сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ бояд донад:

- Конститутсия-и Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарордодҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти идораи маориф оид ба масъалаҳои таълим;
- талаботи стандартҳои давлатии таълимӣ;
- мазмун ва принсипҳои ташкили таълим;
- равандҳои асосии технологӣ ва методикаи корҳо аз рӯйи самти ихтисос;
- шаклҳо ва усулҳои муосири таълим ва тарбияи донишҷӯёни хориҷӣ;
- яке аз забонҳои муошират и байналмилалӣ;
- қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва ҳифзи зиддисӯхторро.

## II. Уҳдадориҳои меҳнатӣ

5. Сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ уҳдадориҳои зеринро иҷро менамояд:

- ташкили кори шуъбаи робитаҳои байналмилалии донишкада;
- рушди ҳамкории байналхалқӣ, ки ба воридсозии донишкада ба иттиҳоди ҷаҳонии маълумотнокӣ ва системаи фазои байналхалқии

иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, истифодаи базаи маълумотҳо, ки дар макотиби олии мамлакатҳои гуногун ҷамъоварӣ шудааст, равона карда шудааст;

- мусоидат ба барқарорсозӣ ва рушди робитаҳои байналмилалии донишкада дар чаҳорчубаи барномаҳои байниҳукуматӣ, ки танзими давлатӣ, маблағгузорӣ ва ҳамоҳангсозиро таъмин менамоянд ва таъмини манфиатҳои миллиро кафолат медиҳанд, инчунин дар чаҳорчубаи шартномаҳои бевоситаи донишкада, қарордодҳои байни олимон ва омӯзгорон;

- ҳавасмандгардонии ҳайати профессорону устодон, донишҷӯён ва аспирантони донишкада оид ба иштирок дар барномаҳои таълимии озмунӣ бо мақсади такмили ихтисос ва ё таҳсил дар донишкадаву донишгоҳҳо ва марказҳои илмии хориҷӣ;

- ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ва аспирантон барои таҳсил дар донишкада дар асоси шартнома;

- дастгирии алоқаҳо бо ташкилотҳои беруна ва қисматҳои дохилии донишкада;

- дигар уҳдадориҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст.

## III. Ҳуқуқҳо

6. Сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ҳуқуқ дорад:

- аз факултетҳо ва шуъбаҳои донишкада маълумот ва ахборотро оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳои дастурӣ ва амрдиҳанда, дастурҳо, низомномаҳо, супоришҳое, ки ба ташкил ва амалисозии робитаҳои байналмилалӣ ва таҳсили муҳассилини хориҷӣ муносибат доранд, талаб намояд;

- аз ректор таъминоти ташкилӣ ва моддӣ-техникии фаъолияти шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ, инчунин мусоидат ба иҷрои уҳдадориҳои хидматӣ ва ҳуқуқҳои худро дархост намояд;

- масъалаҳои ҳамкории байналмилалии донишкада бо намояндагони мақомоти салоҳиятдори идораҳои давлатӣ, сафоратхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳо, фондҳо ва дигар ташкилотҳои кишварҳои хориҷӣ, бурдани гуфтушунидҳо ва мукотиба бо онҳоро баррасӣ намояд;

- оид ба масъалаҳои рушди дурнамои робитаҳои байналмилалӣ, иштирок дар конференсияҳо ва дигар чорабиниҳо дар соҳаи ҳамкории байналмилалиро пешниҳодҳо ворид намояд;

- таъинот, интиқол ва аз кор озод намудани кормандонро ба ректори донишкада пешниҳод намояд;

- дар бораи ҳавасмандгардонии кормандони фаъол, инчунин танбеҳи вайронкунандагони тартиботи меҳнат ва чараёни таълим ба ректори донишкада бо пешниҳод муроҷиат намояд;

- аз хизматгузориҳои китобхона, фондҳои иттилоотии таълимӣ ва илмии қисматҳои донишкада, инчунин хидматгузориҳои қисматҳои сохтории иҷтимоӣ-маишӣ, табобатӣ ва дигар қисматҳои сохтории донишкада мутобиқи тартиботи муқарраркардашуда истифодаи барад.

## IV. Ҷавобгарӣ

7. Сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ҷавобгар аст:

- барои иҷрои нодуруст ва иҷро накардани уҳдадориҳои хидматии худ ва кормандони шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ мувофиқи дастури хизматии онҳо дар ҳудуди қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар чараёни амалисозии фаъолияти худ содир кардааст, дар ҳудуди қонунгузории амалкунадаи меҳнатӣ, маъмурӣ, ҷиноӣ ва шаҳрвандӣ;

- барои расонидани зарари моддӣ дар ҳудуди қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ, маъмурӣ, ҷиноӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада “ 29” 12 соли 2021 (суратҷаласаи № 5/5-1) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.